**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор ________ Назарзода Х.Х.
«___________________ соли 2023

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.

Диссертатсия дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» аз ҷониби Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Довталаб Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич, 17 сентябри соли 1983 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2006 факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат хатм намудааст.

Аз соли 2006 то соли 2022 дар вазифаҳои ассистенти кафедраи менеҷмент, муаллими калони кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнат, муовини декан оид ба тарбияи факултети иқтисодиёт ва менеҷмент, муовини декан оид ба таълим-эдвайзери факултети иқтисодиёт ва менеҷмент, мутахассиси шуъбаи банақшагирӣ ва назорати раванди таълими раёсати таълим, муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратӣ ва муовини декан оид ба таълим-эдвайзери факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратӣ фаъолият намудааст.

Аз моҳи ноябри соли 2022 то ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнат кор мекунад.

Аз соли 2018 то инҷониб унвонҷӯйи кафедраи менеҷмент ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар ҷаласаи Шӯрои олимони донишгоҳ аз 06 марти соли 2018 қарори № 9 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: Шаропов Фарҳод Разоқович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Имтиҳонҳои номзадӣ аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 4 (хуб), фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4 (хуб) ва имтиҳон аз рӯйи ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» хулосаи зерин баровaрда шуд:

## 1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия

Яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ, ки дар шароити муосир сатҳи зарурии рушдро нигоҳ доштааст, савдои чакана ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи ислоҳоти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ мутобиқати бештарро ба шароити раванди тағйирот ва иқтисоди бозорӣ нишон дод. Маҳз дар бахшҳои мазкур фаъолияти соҳибкорӣ бештар инкишоф ёфт, ки боиси васеъ шудани миқёси тиҷорат ва миёнаравӣ гардид.

Бояд тазаккур дод, ки рушди босуботи савдои чакана барои дурнамо ва ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии он аз бисёр ҷиҳат аз қобилияти самаранок истифода намудани иқтидори кадрии соҳа вобастагӣ дорад. Маҳз ташаккули иқтидори кадрӣ ҳамчун заминаи татбиқи стратегияи кадрии субъектҳои савдои чакана имконият фароҳам меорад, ки самтҳои дарозмуддати рушди онҳо муайян шаванд, ҳадафҳо аниқ ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо муқаррар гарданд. Ҳамаи ин тадбирҳо самаранокии фаъолияти субъектҳои савдои чакана ва мавқеи пешсафӣ дар бозор таъмин менамоянд ва барои рушди минбаъдаи онҳо заминаи устувор мегузоранд.

Мураккабии ҳалли масоили ташаккул ва рушди иқтидори кадрӣ барои дурнамо, зарурати таҳияи асосҳои консептуалӣ, такмили равишҳои назариявӣ ва методӣ ҷиҳати асоснокгардонии стратегияи ташаккули иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана мубрам будани мавзӯи диссертатсияро муайян менамоянд.

## 2. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия

Диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

## 3. Алоқамандии мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ

Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои гузариши соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба таъмини низоми кадрӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 робита дорад.

## 4. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 14 кори илмӣ, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

*Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:*

[1-М]. Масоили таъмини кадрии савдои чакана дар шароити муосир / Кабутов Қ.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. - 2023. - № 2/1 (46). – С. 337-341.

[2-М]. Рақамикунонии корхонаҳо ва вазъи рушди иқтидори сармояи инсонӣ / Мирзоалиев А.А., Кабутов Қ.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав/. – Бохтар - 2023. - №1-1 (107). – С. 177 - 182.

[3-М]. Ташаккул ва рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана /Шаропов Ф.Р., Лутфулоев М.Д., Кабутов Қ.М., Амонов С.С. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе.- 2021. - №1 (35). – С. 112 - 122.

[4-М]. Савдои чакана ва тамоюлҳои рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Кабутов Қ.М./ Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон/. – Душанбе.- 2021. - №1 (35). – С. 41 - 46.

[5-М]. Роҳҳои ҳавасмандгардонии такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои савдои чакана /Мараимов Б.М., Кабутов Қ.М./ /Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон/. – Душанбе.- 2020. - №3 (32). – С. 48 - 52.

[6-М]. Мушкилотҳои рушди инноватсионии савдои чакана дар шароити муосир /Ҳамитов М.С., Мараимов Б.М., Кабутов Қ.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон/. – Душанбе.- 2019. - № 4 (29). – С. 200 - 205.

[7-М]. Хусусиятҳои меҳнат дар савдои чакана / Кабутов Қ.М. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе. - 2018. - №4-2. – С. 130-134.

*Интишорот дар маводи конференсияҳо ва дигар маҷаллаҳои илмӣ:*

[8-М]. Низоми такмилдиҳии фаъолияти кормандони корхонаҳои савдои чакана / А.А. Мирзоалиев, Қ.М. Кабутов// Масъалаҳои мубрами иқтисоди меҳнат ва идоракунии кормандон. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ (30 марти соли 2023) / Зери назари доктори илмҳои техникӣ Х.Х. Назарзода, доктори илмҳои иқтисодӣ Ф.Р. Шаропов, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Н.А. Қудратов. – Душанбе: «ДДТТ», 2023. – 248-250 с.

[9-М]. Тиҷорати электронӣ: тамоюл ва рушди он / А.А. Мирзоалиев, Қ.М.Кабутов // Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи “Рушди технологияҳои рақамӣ дар шароити муосир” бахшида “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф” (Солҳои 2020-2040). (27-28 декабри соли 2022) с. 77-81.

[10-М]. Ҷанбаҳои иҷтимоии ҳавасмандгардонии меҳнати кормандони корхонаҳои савдо / Кабутов Қ.М. // Развитие инноваҷионной экономики в Таджикистане и Польше : Сборник материалов международной научно-практической дистанционной конференции / Под общ. ред. Факерова Х.Н., Раджабова Р.К. – Душанбе: ТГУК, 2018. – С. 413-415.

[11-М]. Самтҳои асосии такмилдиҳии низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ / Мирзоалиев А.А., Кабутов К.М. // Таджикистан и современный мир: актуальные проблемы развития инновационной экономики : Сборник материалов международной научно-практической дистанционной конференции / Под общ. ред. Факерова Х.Н., Раджабова Р.К. – Душанбе: «Сумани Кудрат», 2017. – С. 79-83.

[12-М]. Низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ / Мирзоалиев А.А., Кабутов Қ.М. // Научно-практическая конференция на тему «Проблемы человеческого развития Республики Таджикистан в контексте реформирования социально-трудовых отношений», Министерства трудо, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, ноябри 2015, -С.107-111.

[13-М]. Идоракунии меҳнат, сиёсати кадрӣ ва стратегияи рушди онҳо / Кабутов Қ.М. // Тенденции развития экономики и высшего образования в уловиях глобализации : Сборник материалов второй международной научно-практической конференции / Под общ. ред. Шарипова М.М., Раджабова Р.К. Часть II.- Душанбе: «Сумани Кудрат», 2014. – С. 34-38.

[14-М]. Роль кадрового менеджмента в условиях рынка / Мирзоалиев А.А., Кабутов К.М. // Сборник научных трудов профессорско-преподавтельского состава Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе: «Сармад-Компания», 2009. – С. 295-299.

**5. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо**

Натиҷаҳои асосии назариявии диссертатсия дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» дар ҷараёни таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон истифода шудааст, ки бо санади татбиқ тасдиқ мегардад.

Ҳамчунин натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатии танзими бозори истеъмолӣ ва савдои чакана ва субъектҳои алоҳидаи таъмини кадрии савдои чакана метавон истифода бурд.

**6. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, дар бурда расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмил ва таъмини кадрии соҳаи савдои чаканаи шаҳри Душанбе дар шароити иқтисоди бозорӣ имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Қарори ҷаласаи васеъ ва муштарак**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат; тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шаропов Ф.Р.; тақриз ва баромади муқарризони холис – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷумъаев Б. ва номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мухторзода С.С., ҳамчунин баромади муқаррризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Нидоев Н.Ф. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Толибов Қ.Қ. ҷаласаи васеи муштараки кафедраҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич

*қарор мекунад:*

1. Диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 –

Иқтисодиёти меҳнат ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

2. Ба Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар муддати на зиёд аз 10 рӯз мактуби ҳамроҳ, нусхаи протокол ва хулосаи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар бораи пешниҳоди диссертатсия ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-012 назди донишгоҳ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 28 нафар, аз он ҷумла 10 доктори илм ва 14 номзади илм иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 28 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар маҷлиси васеи муштараки кафедраҳои иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 24 майи соли 2023, протоколи № 7 қабул шудааст.

**Раиси маҷлис**:
Сардори раёсати илм ва инноватсия д.и.ҳ., профессор — Қудратов Н.А.

Муқарризи холис
д.и.и., дотсент — Ҷумъаев Б.М.

Муқарризи холис
н.и.и., и.в. дотсент — Мухторзода С.С.

Котиби маҷлис:
номзади илмҳои иқтисодӣ — Султонов З.

Имзоҳои Қудратов Н.А., Ҷумъаев Б.М., Мухторзода С.С. ва Султонов З.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДТТ** — **Пирзода С.С.**